# Рӯшанфикре аз сулолаи Носири Хусрави Қубодиёнӣ

Сируси Алинажод, рӯзноманигор
17 тири 1395/7 июли 2016

Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ рӯшанфикре буд ва дардҳои рӯшанфикрӣ дошт. Озодихоҳ буд ва дарди демократия дошт. Имрӯзӣ буд ва Эрону Тоҷикистону кишварҳои минтақаро демократ ба маънии аврупоии калима мехост.

**Бағайр аз Низомии Арӯзии Самарқандӣ, ки “Чаҳор мақола”-аш бо он достонпардозиҳо ва насри дурахшон аз навҷавонӣ маро ба ваҷд меовард, дидори се тоҷики барҷаста дар умри матбуотиам маро ба ваҷд овардааст; Бобоҷон Ғафуров, Муҳаммадҷон Шакурӣ ва Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ. Ҳар серо дар Теҳрон дидам.**

Бобоҷон Ғафуровро дар соли 1352 ва гуфтугуи ман бо ӯ инак дар Тоҷикистон ҷузви асноди таърихӣ ба ҳисоб меояд. Бо Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ дар соли 1385 ба гуфтугу нишастам ва Раҳими Мусулмониёни Қубодиёниро аввалин бор дар соли 1386 дидам. Ҳар се тан аз муосирони барҷастаи тоҷик ва Раҳими Қубодиёнӣ аз сулолаи Носири Хусрав буд.

Аз миёни ин се тан, Бобоҷон Ғафуров дарди Ватан дошт ва аз қаҳрамонони бузурги Тоҷикистон буд ва ҳарчи тавонист дар роҳи истиқлоли забонӣ ва фарҳангии Тоҷикистон кард. Ҳарчанд дар рӯзгори Шӯравӣ ба мақомоти боло расида буд, аммо мақому мансаб чизе набуд, ки ӯро розӣ кунад. Тоҷикистоне мустақил мехост, ки мутаассифона онро надид. Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ хушиқболтар аз ӯ буд. Истиқлоли Тоҷикистонро ба чашм дид ва аз он бештар, авохири умри худро дар даврае зист, ки аз он бо иборати “давраи Сомониён омадааст боз” ёд мекард ва ин кам неъмате дар зиндагонии ӯ набуд.

Аммо Раҳими Мусулмониёни Қубодиёнӣ аз ҷинси он ду тан набуд, рӯшанфикре буд ва дардҳои рӯшанфикрӣ дошт. Озодихоҳ буд ва дарди демократия дошт. Имрӯзӣ буд ва Эрону Тоҷикистону кишварҳои минтақаро демократ ба маънии аврупоии калима мехост. Бо он ки мегуфт дар муқоиса бо Эрон, мо дар Тоҷикистон рӯшанфикр надорем, аммо ин сухан таоруфе беш набуд. Худи ӯ рӯшанфикртар аз бисёре аз рӯшанфикрони Эрон буд. Ба ёд дорам, вақте гуфтугӯи мо дар маҷаллаи “Паёми имрӯз” чоп шуд, дӯсте гуфт: “Рӯшанфикрони Эрон бояд рӯшанфикриро аз ин марди тоҷик биёмӯзанд” ва дуруст гуфта буд.



*Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ рӯшанфикре буд ва дардҳои рӯшанфикрӣ дошт. Озодихоҳ буд ва дарди демократия дошт. Имрӯзӣ буд ва Эрону Тоҷикистону кишварҳои минтақаро демократ ба маънии аврупоии калима мехост.*

Пас аз фурупошии Шӯравӣ гуруҳи касире аз онон, аз ҷумла Раҳим Мусулмониён Қубодиёнӣ Эронро "Қибла гуфтанду омаданд", бо умедҳои бисёр чашм ба Эрон дӯхтанд. Тасаввур мекарданд, Эрон метавонад маҷмаъе барои онон фароҳам кунад то бо такя ба он дар ҷиҳати барпоии демократия дар Тоҷикистон бикӯшанд, аммо хаёлашон ботил буд.

Мегуфт дар мазҳаби мо мафҳумҳои "миллат" ва "кишвар" авлавият надорад ва мушкилоти кунунӣ ва фардои Тоҷикистон дар ҳамин ҷост. Бо мулоҳизаи ин ки дар Эрон мезист, аз Эрон намегуфт, вале аз мисоле ки меовард пайдо буд, ки Эронро дар назар дошт. "Ёдам сӯҳбате меояд, ки ҳудуди ду сол пеш бо азизе иттифоқ афтод. Аз вай пурсидам ҷойгоҳи "миллат" ва "кишвар" дар назари онҳо кадом аст?

Посух дод: мо аввал мусулмон ҳастем, ва ҳарчи ҳастем баъд ҳастем. Ман ба дари хона ишора кардаму пурсидам аз ибтидо дар буд? Ё пеш аз он ки дар шавад ниҳол буду дарахт шуд ва чӯбу тахта ва он гаҳ дар?

Гуфт албатта ки аввал ниҳол буд ва сипас дар шуд. Гуфтам инсон низ ҳамин аст. Эътиқод ба камоли маънавӣ ва ақлу фаросат марбут аст. Инсон пеш аз он ки мусулмон ё муқайяд ба дини дигар бошад, бояд вуҷуд дошта бошад. Вақте вуҷуд дорад, фарзанди касе ҳаст, фарзанди ҷое ҳаст, ба миллате, ба қавме, ба ҷое тааллуқ дорад".

Ба утоқи мо ҳам ки дар маҷаллаи "Паёми имрӯз" меомад аз ҳамин мисол баҳра мегирифт. Ба дари утоқ ишора мекард, мегуфт "боядутоқ бошад, ки дар барояш сохта шавад". Ва ба ин тартиб мегуфт миллату кишвар бояд вуҷуд

дошта бошанд, то баъд соҳибони дину ақида бошанд. Ҳамон масали маъруфи мо; аввал вуҷуд, баъдан суҷуд.



*Мегуфт дар мазҳаби мо мафҳумҳои "миллат" ва "кишвар" авлавият надорад ва мушкилоти кунунӣ ва фардои Тоҷикистон дар ҳамин ҷост. Бо мулоҳизаи ин ки дар Эрон мезист, аз Эрон намегуфт, вале аз мисоле ки меовард пайдо буд, ки Эронро дар назар дошт.*

Аммо дардҳои марбут ба Тоҷикистонаш бештар буд. Гуфтам, ки дарди демократия дошт. Нигарони маҳдудияти неруҳои раҳбарикунанда дар Ҳукумати Тоҷикистон буд. Мегуфт ҳукумат талоше барои гирд овардани неруҳои миллӣ фарҳангӣ ва демократӣ намекунад, дар ҳоле ки масоили Тоҷикистон бидуни гирди ҳам омадани ин неруҳо қобили ҳал нест. Мегуфт: "Сафри назар аз ин ки як нафар мавриди писанд ҳаст ё нест, у фарзанди Тоҷикистон аст. Фикре дорад, андешае дорад, дасте дорад, бояд онҳоро ҷалб кард ва ба Тоҷикистон овард, аммо раҳбарони Тоҷикистон дар ин замина коре намекунанд".

Шикоят мекард, ки ҷинояту террор ва одамкушӣ дар Тоҷикистон ифшо намешавад. "Террор, таҷовуз, дуздӣ, тороҷ ғорат ва монанди инҳо ифшо намешаванд, чунонки ҳанӯз нафаҳмидаем Муҳиддин Олимпурро кӣ кушт, Муҳаммад Осимиро кӣ кушт, Юсуфхон Исҳоқиро кӣ кушт. Табаҳкорону ҷониҳо ифшо намешаванд". Дарвоқеъ мегуфт то дар ҷомеа ҷиноят ифшо нашавад, он ҷомеа рӯи озодӣ ва адолат ба худ нахоҳад дид. Миллати тоҷикро мазлумтар аз дигар миллатҳо ё ба истилоҳе, ки худ ба кор мебурд "халқ"-ҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии собиқ медид. Ба хотири он ки ҳам аз ҳувияти фарҳангӣ ва таърихии худ маҳрум монда буданд ва ҳам гирифтори фақри иқтисодӣ буданд.

Мегуфт, Тоҷикистон сарзамини кӯҳистонӣ аст, ки танҳо ҳафт дарсади он ба кори сукунат ва кишоварзӣ ва боғдорию домдорӣ ва аз ин қабил меояд. Шӯравиҳо мардумро водошта буданд, ки дар ин ҳафт дарсад пахта ҳам бикоранд, ки 90 дарсади он вориди чархаи тавлиди кишварҳои дигар мешуд ва танҳо ҳашт то даҳ дарсад ба кори Тоҷикистон меомад. “Пас Тоҷикистон дар канори фишори миллӣ ва фарҳангӣ ва забонӣ, фишори иқтисодиро ҳам дошт”.



*Пеш аз зуҳури Горбачев иддае аз шоирон монанди М. Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор ва дигарон ба майдон омаданд ва мактабе падид овардaнд, ки дар он ба рӯшангарии миллат пардохта мешуд. Ва ин рӯшанфикрии падидомада дар даҳаи 60 мелодӣ такя ба Эрон дошт ва Эронро хонаи худ медид.*

Ақида дошт, ки чунин вазъияте ба Тоҷикистон имкон дода буд, ки неруҳои рушанфикриаш рушд кунанд “ва албатта ин мавзуъ решадор ҳам буд. Қавми тоҷик дар байни ҳамсоягонаш ба таври таърихӣ бо китобу фарҳангу илму адаб ошноӣ дошт ва ин сабаб мешуд, як неруи равшанфикрӣ дар Тоҷикистон эҷод шавад”. Мегуфт дар поёни даҳаи 60 мелодӣ дар Тоҷикистон эҳсоси миллигароӣ аз тариқи адабиёт ва матбуот ба майдон омад ва пеш аз зуҳури Горбачев иддае аз шоирон монанди М. Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор ва дигарон ба майдон омаданд ва мактабе падид овардaнд, ки дар он ба рӯшангарии миллат пардохта мешуд. Ва ин рӯшанфикрии падидомада дар даҳаи 60 мелодӣ такя ба Эрон дошт ва Эронро хонаи худ медид. Ва ҳаққи таърихӣ барои худ қоил буд ва ҳамонгуна ки Бозор Собир гуфт, ҳастии Тоҷикистонро дар канори Эрону Афғонистон имконпазир меёфт.

Аз ин рӯ, пас аз фурупошии Шӯравӣ гуруҳи касире аз онон, аз ҷумла Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ Эронро “Қибла гуфтанду омаданд”, бо умедҳои бисёр чашм ба Эрон дӯхтанд. Тасаввур мекарданд, Эрон метавонад маҷмаъе барои онон фароҳам кунад то бо такя ба он дар ҷиҳати барпоии демократия дар Тоҷикистон бикӯшанд, аммо хаёлашон ботил буд. Чун ба пиндори онон, ҳукумати Эрон сирфан аз исломгароёни тоҷик ҳимоят мекард, ки ба таври таърихӣ шикаст хӯрда буданд ва ба бардошти онҳо ҳукумати Бухороро барбод дода буданд ва ба домани камунизми русӣ андохта буданд.

Чунин буд, ки рӯшанфикрони тоҷик, ки гурӯҳ-гурӯҳ ба Эрон омаданд, дучори сархурдагӣ шуданд ва ба ҷоҳои дигар рафтанд. Аз ҷумла, Бозор Собир, ки шеъри машҳури “Дод аз дасти Русия, сад дод”-ро гуфта буд, 50 рӯз бештар дар Эрон давом наёвард ва роҳии Маскав шуд ва аз он ҷо ба Амрико рафт.



*Монанди Носири Хусрав фаротар аз клосҳои роиҷи рӯшанфикрии замонаи худ буд. Рӯшанфикре буд дар миқёси аврупоии калима. Хирадварзи дардманд, ки дар баёни афкораш шуҷоат дошт ва дар айни сархурдагӣ ва яъс, барои иҷрои афкораш аз ҷон моя мегузошт ва аз пой наменишаст.*

Ҳаводори эҷоди Иттиҳодияе монанди Иттиҳодияи Аврупо барои кишварҳои Осиёи Миёна буд, аммо мегуфт чунин коре танҳо бар пояи фарҳанг шакл тавонад гирифт ва аз тариқи “афкори мутаассибона ва ҷоҳилона” имконпазир нест. Фикр мекард дар сурати эҷоди чунин Иттиҳодияе, Осиёи Миёна ҳамон шароитеро пайдо хоҳад кард, ки Аврупои имрӯз дорад.

Ин ҳамшаҳрии Носири Хусрав дар миёни рӯшанфикрони тоҷик ва Эрон ва Афғонистон камназир буд. Монанди Носири Хусрав фаротар аз клосҳои роиҷи рӯшанфикрии замонаи худ буд. Рӯшанфикре буд дар миқёси аврупоии калима. Хирадварзи дардманд, ки дар баёни афкораш шуҷоат дошт ва дар айни

сархурдагӣ ва яъс, барои иҷрои афкораш аз ҷон моя мегузошт ва аз пой наменишаст.

Мутаассифона ман дар даҳ дувоздаҳи соли ахир аз мусоҳибати ӯ ғофил шудам, вале ҳамвора дар дилам меафтод, ки роҳ биюфтам биравам пайдояш кунам ва боз ӯро бубинам ва аз маҳзари ӯ фоида баргирам. Ногаҳон дирӯз дар матлаби Аҳмадшоҳ буд, ки хондам дучори Алтсгеймери ҳод шуда буд ва дигар касеро намешинохт. Ҳатто намедонистам ба Тоҷикистон бозгаштааст. Эй дили ғофил!